## ТАҚРИЗ

ба рисолаи доктории Шарифзода Ҷамолиддин Сафол дар мавзуи **«Масоили мубрами таърихи халқи тоҷик (нимаи дувуми ҳазораи II то мелод – асри IX) ва инъикоси он дар осори Эмомалӣ Раҳмон».**

Мубрамияти мавзуи таҳқиқоти рисолаи диссертатсионии пешниҳодшуда шубҳаро пеш наоварда, аз нигоҳи услубият дуруст мебошад. Зеро омӯзиш ва таҳқиқи таърихи инсон бо дастовардҳои фарҳанги моддӣ ва маънавӣ бе донистани таърихи аҳди бостон ғайриимкон мебошад. Сарчашма ва раванди зуҳур, рушди инсон ҳамчун индивиди биологӣ (антропогенезис), бавуҷудой ва рушди фарҳанги инсонӣ (културогенезис) дар масири таърих параллел ва бо ҳамдигар алоқаманд ҷараён дошт. Бинобар ин, таърихи инсоният – таърихи фарҳангҳои гуногун, халқҳо, динҳо, тамаддунҳо ва давлатҳо буда, ба таҳқиқоти бунёдӣ зарурат дорад.

Тазаккур бояд дод, ки ба таври мукаммал омӯхтан ва таҳқиқи масоили мубрами таърихи халқи тоҷик (ҳазораи дувуми то мелод ва ибтидои асрҳои миёна) имкон медиҳад, ки дар самти таърихнигории ватанӣ масъалаҳои зикрёфтаи таҳқиқот ба анҷом расонида шавад.

Обеъкт ва предмети масъалаҳои таҳқиқшаванда дар рӯшан сохтани хронологияи рушди фарҳанги моддӣ ва маънавии таърихи халқи тоҷики давраи таҳқиқшаванда аҳаммияти калидӣ доранд. Мавзуи интихобшудаи диссертант мувофиқ ба ихтисоси таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ навишта шудааст.

Ҳарчанд, зиёда аз 100 сол таваҷҷуҳи муҳаққиқони хориҷӣ, шуравӣ ва ватанӣ ба омӯзиш ва таҳқиқи таърихи ҳазораи дувуми то мелод ва ибтидои асрҳои миёнаи халқи тоҷик инҷониб сурат гирифтааст, вале масъалаҳои зиёде камомӯхта ва умуман омӯхта нашудаанд. Хусусан, дар таърихнигории шуравӣ омӯзиши мавзуи мазкур ба таври ҷиддӣ сурат нагирифтааст. Вале натоиҷи экпедитсияҳои археологии давр дар омӯзиши таърихи аҳди бостони халқи тоҷик назаррас аст. Дастовардҳои ҷадиди соҳаи археология,

навиштаҷотҳо, нашри осори бунёдӣ, рушди технологияи муосир имконият медиҳад, ки доир ба масоили мубрами таърихи 6 ҳазорсолаи халқи тоҷик таҳқиқоти бунёдие анҷом дод.

Бояд тазаккур дод, ки масъалаҳои мубрами таърихи аҳди бостони халқи тоҷик бавуҷудоии фарҳанги моддӣ ва маънавӣ, забон, давлат ва тамаддун дар осори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар такя ба дастовардҳои илми таърих возеҳу мукаммал баён гардидааст. Муаллифи рисола бошад, дар такя ба консепсияи таърихнигории Эмомалӣ Раҳмон дар матраҳи мавзуи мазкур саҳм гирифта, ба натиҷаи ниҳоии таҳқиқоти худ расидааст.

Диссертасия дар маҷмуъ аз муқаддима, 5 боб, 11 зербоб, тавсияҳо доир ба истифодаи амалиии натиҷаҳои таҳқиқот, феҳристи сарчашма, адабиёт ва интишороти илмии довталаби дараҷаи илмӣ тибқи талаботи нигориши диссертасияҳои илмии КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мантиқан дуруст тартиб дода шудааст.

Дар муқаддима мубрамияти мавзуъ, дараҷаи коркарди илмии проблема, манбаъи асосии диссертасия ва таснифоти он, мақсаду вазифаҳои таҳқиқот, навгонии илмии таҳқиқот, асоси назариявӣ ва методологии таҳқиқоти диссертасионӣ, аҳаммияти назариявӣ ва илмии амалии таҳқиқот, чаҳорчубаи хронологии мавзуи таҳқиқшаванда, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда ва дифоъ аз он баён гардидааст.

Боби аввал «Бозтоби масоили мубрами таърихи ақвоми ориёӣ дар осори Эмомалӣ Раҳмон» номгузорӣ шуда, аз 3 зербоб иборат буда, боиси таваҷҷуҳ аст. Муаллиф дар зербоби аввал «Масоили назариявӣ-методологии омӯзиши таърихи аҳди бостон ва ибтидои асрҳои миёнаи халқи тоҷик» иброз менамояд, ки муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ бар асоси консепсия ва методи таҳқиқоти ба худ муносиб ва таҳлили сарчашмаҳо роҷеъ ба масъалаҳои мухталифи таърихи аҳди бостон ва ибтидои асрҳои миёна фарзияҳои мухталифи муътамад ва таъинкунандаро вобаста бо таъсири омилҳои субъективӣ ва объективӣ баён кардаанд.

Дар зербоби дувум «Таҳқиқи масъалаи ақвоми ориёӣ дар осори Эмомалӣ Раҳмон» муаллиф бо қиёси андешаҳои муҳаққиқон фарзияҳои мухталиферо оид ба саҳми ниёкони тоҷикон – ориёиҳо дар офаридаҳои фарҳанги моддию маънавии башарӣ, таъсири мутақобилаи он, ҷойгоҳи он дар тамаддуни башарӣ ва аҳаммияти он дар сатҳи худогоҳӣ ва худшиносии миллӣ баён намудааст.

Зербоби сеюм «Масъалаи давлатдории сулолаҳои ориёӣ дар осори Эмомалӣ Раҳмон» унвон дошта, шинохти муҳаққикро нахуст дар бораи империяи Ҳахоманишиён, сиёсати кишваркушоӣ ва адолатпарваронаи шахсияти таърихӣ - Куруши Кабир ва дигар шоҳаншоҳони ориёӣ таҳлил намуда, дар бораи низоми идории муназамми сиёсӣ, ҷуғрофияи таърихии он, дастовардҳои фарҳангии замони Ҳахоманишиён таҳлилу натиҷагирӣ намудааст.

Боби дувуми рисола «Дараҷаи омӯзиши забон, эътиқод ва оинҳои динии ориёиҳо дар осори Эмомалӣ Раҳмон» номгузорӣ шуда, аз ду зербоб иборат аст.

Дар зербоби аввал «Дидгоҳи Эмомалӣ Раҳмон роҷеъ ба хостгоҳи забони ақвоми ориёӣ» матраҳ шуда, мавқеи забонро ба ҳайси унсури ҷудонопазир ва пешбарандаи фарҳангу тамаддун дар масири таърихи инсоният тарҳрезӣ намудааст. Забонҳои ақвоми ориёӣ яке аз қадимтарин шохаҳои забони инсоният ба ҳисоб рафта, таърих ва рушди он аз ҷониби мутахассисини забоншиносии муқоисавӣ таҳлил гардидааст. Эмомалӣ Раҳмон соли 2015 китоби «Забони миллат-ҳастии миллат»-ро нашр намуданд, ки дар ибтидои XXI аз рӯи мазмун ва муҳтавояш ҳамто надорад. Муаллиф хусусиятҳои хоси забонҳои қавмҳои ориёиро вобаста ба ҳар як марҳалаи таърихӣ дар асоси сарчашмаҳои хаттӣ-таърихӣ ва натоиҷи таҳқиқоти муҳаққиқон таҳлил намудааст.

Дар зербоби дувум «Сатҳи омӯзиши эътиқод ва оинҳои динии ориёиҳо дар осори Эмомалӣ Раҳмон» муаллиф дар асоси осори нашргардидаи Эмомалӣ Раҳмон падидаҳои муҳимми фарҳангии ориёҳоро ки инъикосгари

вижагии тамаддун дониста шудааст таҳлилу натиҷагирӣ менамояд. Мавзуъ қаблан аз ҷониби муҳаққиқони хориҷию ватанӣ таҳқиқ ёфта, дар қиёс бо онҳо доир ба марҳалаҳои ташаккулёбии эътиқоду оинҳои динии антиқаи ориёиҳо фарзияҳои нав баён гардидааст. Масалан оташ дар миёни мардуми дашту кӯҳистон ба сифати сарчашмаи ҳаёт дониста шудааст.

Боби сеюми рисола «Инъикоси масъалаи истилои араб ва муборизаи озодихоҳонаи аҷдоди тоҷикон дар осори Эмомалӣ Раҳмон» унвон дошта, аз ду зербоб иборат аст.

Дар зербоби аввал «Вижагиҳои ҳуҷуми арабҳо ба Хуросону Мовароуннаҳр дар осори Эмомалӣ Раҳмон» номгузорӣ шуда, шароити таърихии ба сари қудрати сиёсӣ расидани хилофати Умавиён, зиддиятҳои дохилии хилофат, ҳаракати арабҳо барои забти заминҳои сарсабзи соҳили рости Ҷайҳун, забти ҳудудаҳои манотиқи тоҷикнишин ва эълони пирӯзии лашкари исломро дар соҳилҳои муқобили руди Ҷайҳун матраҳ намудааст.

Зербоби дувум «Дидгоҳи Эмомалӣ Раҳмон доир ба муборизаи озодихоҳонаи ниёкони тоҷикон дар қиболи Хилофати Араб» унвон дошта, муаллиф дар радифи фарзияҳои муҳаққиқону донишмандоне, ки ба омӯзиш ва таҳқиқи масъалаи мазкур қабл аз Эмомалӣ Раҳмон машғул буданд, андешаҳои охиринро низ дар бобати муборизаи ниёконамон дар муқобили лашкари араб тавассути маводи камомӯхташуда баён намудааст. Аз ҷумла, ҷасорати мардуми Хатлон дар муҳорибаҳои зидди лашкари Асад ибни Абдуллоҳ солҳои 735 ва 737 бо маводи нави бостоншиносии дар ҷараёни ҳафриёти археологӣ аз соҳаҳои бостонии «Шаҳртеппа» ноҳияи Фархор ба даст омада, баён гардидааст.

Боби чоруми рисола «Вижагиҳои густариши тамаддуни ислом дар Хуросону Мовароуннаҳр ва эҳёи рукнҳои фарҳанги миллӣ дар осори Эмомалӣ Раҳмон» ном дошта аз ду зербоб иборат аст. Ҳадафи асосии муаллиф дар боби мазкур инъикоси нақши барҷастаи тоҷикон дар ташаккулдарои ва ташаккули тамаддуни исломӣ дар ҳудудаи ҷуғрофии Хуросон ва Мовароуннаҳр буда, бо истифодаи сарчашмаҳои таърихӣ, осори

бунёдии муҳаққиқони давраҳои гуногуни таърихӣ ва билохира такя ба осори Эмомалӣ Раҳмон ба мақсад расидааст. Аҳаммияти таърихии ҳаракати шуубия ва фаъолияти намояндагони он дар диссертатсия хеле ба маврид ва мушаххас иброз мегардад. Ҳамчунин, нақши хонадонҳои маҳаллӣ – Бармакиёну Саҳлиён дар эҳёи рукнҳои фарҳанги миллӣ ташреҳ гардидааст.

Диссертант дар боби панҷуми рисола «Аҳаммияти омӯзиши давлатдории Тоҳириёну Саффориёнро аз нигоҳи Эмомалӣ Раҳмон» бо муайян кардани ҷойгоҳи сулолаи Тоҳириён ва Саффориён дар шароити истилои араб ва паҳншавии дини ислом дар эҳё ва рушди давлат ва анъанаҳои миллӣ таъкид менамояд.

Муаллиф дар хулосаи таҳқиқоти худ 15 нукта ва 10 тавсияро доир ба истифодаи амалии натиҷаҳо бо маврид таъкид менамояд.

Руйхати адабиёти истифодашуда ва адабиёти дар поварақи матни рисола истифодашуда ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ мебошад.

Ҳамин тавр, метавон хулоса намуд, ки рисолаи диссертатсионии ба анҷом расонидаи Шарифзода Ҷамолиддин Сафол дар мавзуи «Масоили мубрами таърихи халқи тоҷик (нимаи дувуми ҳазораи II то мелод – асри IX) ва инъикоси он дар осори Эмомалӣ Раҳмон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.09 – таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ пешниҳод шудааст, аз рӯйи мазмун, мақсаду вазифаҳои гузошташуда, аҳаммият ва навгонии илмӣ, асоснокии хулосаҳо, арзиши назариявӣ ва амалӣ ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра ҷавобгӯ мебошад. Аз ин рӯ, муаллифи он Ҷ.С. Шарифзода сазовори дараҷаи илмии доктори илмҳои таърих мебошад.

**Мушовири илмӣ д.и.т., профессор** **Шарифов Р.Я.**

23. 01. 2025

Имзои / Подпись: Шарифов Р.Я.
ТАСДИҚ МЕКУНАМ / ЗАВЕРЯЮ
Сардори РК ва КМ ДМТ / Начальник УК и СЧ ТНУ
Тавқиев Э. Ш.